# БАРГУЗОРИИ ХОНИШИ ИДОРАВӢ ДАР ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

Санаи 28 майи соли ҷорӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои нақша-чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пажӯҳишгоҳ бо иштироки маъмурият, ходимони муассиса хониши идоравӣ - сиёсӣ баргузор карда шуд.

Сухани ифтитоҳиро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои техникӣ, Сироҷиддин Ниёзӣ оғоз бахшида, роҷеъ ба муҳим будани баргузории хониши идоравӣ ибрози андеша намуданд.

Дар идома тибқи нақшаи тасдиқшуда, дар ҳамоиш Салоҳиддин Амонӣ-мудири шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12- сола)-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавзуи «Истифодаи технологияи инноватсионии таълим-омили рушди сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ва Шаҳлои Тоҳириён ходими пешбари илмии шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12- сола)-и Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавзуи «Идеологияи миллӣ ва таъсири он дар шароити ҷаҳонишавӣ» маърӯза намуда, ҳозиринро оид ба дастуру супоришҳои Пешвои миллат огоҳ намуданд.

Дар хотимаи ҳамоиш вобаста ба мавзуҳои болозикр музокирот баргузор гардид.

















